**ХУЛОСАИ НИҲОИИ**
**Шурои диссертатсионии 6D.КОА-003 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз рӯйи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илм**

**Парвандаи аттестатсионии №1**
**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 06.05.2024, протоколи №73**

Барои сазовор донистани Қодирова Гулмо Толибовна, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ.

Диссертатсияи Қодирова Гулмо Толибовна дар мавзуи "**Ташаккули низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои хоҷагидорӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ: назария, методология, амалия**", барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит ба ҳимоя санаи 26 -уми январи соли 2024 қабул карда шуд, суратмаҷлиси рақами №54 шурои диссертатсионии **6D.КОА-003** дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, Хиёбони рӯдакӣ 17), ки бо фармоиши раиси КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон №349 аз 03.12.2021 таъсис ёфтааст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Қодирова Гулмо Толибовна, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, 10 майи соли 1968 таваллуд шудааст. Соли 2010 диссертатсияи номзадии худро дар мавзуи "Асосҳои ташкилӣ-иқтисодии ташаккул ва рушди маркетинг дар хоҷагии қишлоқи Ҷумҳурии Тоҷикистон" зери роҳбарии д.и.и., профессор Қурбонов А.К. дифоъ намудааст. Алҳол дар вазифаи мудири кафедраи менеҷменти Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон кор мекунад.

Диссертатсия дар кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Мушовири илмӣ**: Қурбонов Абдулхайр Каримович - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва аудити Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

**Шарифов Зариф Раҳмонович** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур;

**Исроилов Боходир Ибрагимович** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи таҳлили молиявӣ ва аудити Донишгоҳи давлатии иқтисодиёти Тошкент (Ҷумҳурии Ӯзбекистон)

**Кошонова Манзура Раҳматҷоновна** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, ба диссертатсия тақризи мусбат доданд.

**Муассисаи пешбар:** Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, дар тақризи мусбати худ, ки аз тарафи эксперт доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Толибов Қ.Қ. навишта шуда, дар ҷаласаи васеъи кафедраҳои иқтисодиёт ва ташкили соҳибкорӣ ва баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудити Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон санаи 16.04.2024с. протоколи №9 баррасӣ гардида, аз тарафи Ректори Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон д.и.т., дотсент Назарзода Х.Х. аз 18-уми апрели соли 2024 тасдиқ шудааст.

Дар тақризи пешниҳодгардида хулоса баровaрда шудааст, ки диссертатсияи Қодирова Гулмо Толибовна дар мавзуи «Ташаккули низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои хоҷагидорӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ: назария, методология, амалия», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит пешниҳод шудааст, кори илмии мукаммал ва бaанҷомрасида буда, дар он натиҷаҳои нави назариявӣ ва амалии аз ҷиҳати илмӣ асоснок ба даст оварда шудаанд.

Мубрамӣ, навгонӣ, асоснокии муқаррароти асосии илмӣ, хулоса ва пешниҳодҳо, инчунин аҳаммияти он барои илми иқтисодӣ ва амалияи пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ гувоҳӣ медиҳад, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талаботи бандҳои 31, 32, 33, 34, 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он Қодирова Гулмо Толибовна сазовори дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит мебошад. Автореферати диссертатсия аз ҷиҳати сохтор ва муҳтавои худ ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст. Дар матни автореферат муқаррароти асосӣ, муҳтаво, натиҷаҳо ва хулосаҳои таҳқиқот пурра инъикос гардидаанд. Муҳтавои автореферат ва муқаррароти асосии диссертатсия бо ҳам мувофиқ мебошанд.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ оид ба мавзӯи диссертатсия 28 корҳои илмӣ, аз ҷумла 1 монография ва 16 мақола бо ҳаҷми 17,2 ҷ.ч. (аз ҷумла 14,8 ҷузъи чопӣ аз муаллиф) дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп кардааст.

**Номгӯйи муҳимтарин корҳое, ки моҳияти илмии диссертатсияро инъикос менамоянд:**

**А. Монография.**

1. Қодирова Г.Т. Ташаккули низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ. Монография [Матн] / Қодирова Г.Т. Душанбе: "Матбааи АИДНПҶТ".– 2023. – 208 с.

**Б. Интишорот дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

2. Кодирова Г.Т. Анализ хода реформ системы бухгалтерского учета в Республике Таджикистан [Текст] / Г.Т. Кодирова // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2016. - № 2/8 (215). – С. 157-161.

3. Кодирова Г.Т. Признание и оценка выручки в условиях МСФО [Текст] / Г.Т. Кодирова // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2017. - № 2/6. – С. 86- 89.

4. Кодирова Г.Т. Особенности бухгалтерского учета векселей у векселедержателя [Текст] / Г.Т. Кодирова, М.Б. Каримиён // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2018. - № 1. – С. 122-127.

5. Қодирова Г.Т. Заминаҳои таърихӣ ва асосҳои илмии ташаккул ва рушди баҳисобгирии муҳосибӣ дар субъектҳои хоҷагидорӣ [Матн] / Г.Т. Қодирова // Идоракунии давлатӣ. – 2021. - № 4-2 (54). – С. 45-55.

6. Кодирова Г.Т. Особенности построения системы бухгалтерского учета в субъектах малого предпринимательства Республики Таджикистан [Текст] Г.Т. Кодирова // Государственное управление. – 2021. - № 4-1 (53). – С. 51-62.

7. Кодирова Г.Т. Развитие системы бухгалтерского учета в условиях глобализации [Текст] / Б.Х. Каримов, Г.Т. Кодирова // Государственное управление. – 2021. - № 3 (52). – С. 38-42.

8. Қодирова Г.Т. Заминаҳои рушди низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодӣ [Матн] / Г.Т. Қодирова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021. - № 6. – С. 92-99.

9. Қодирова Г.Т. Ҷанбаҳои таърихӣ ва равишҳои методологии ташаккули баҳисобгирии муҳосибӣ дар низомҳои хоҷагидорӣ [Матн] / Г.Т. Қодирова // Иқтисодиёти Тоҷикистон. – 2022. - № 1. – С. 63-70.

10. Қодирова Г.Т. Мушкилоти корбурди стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] /

Г.Т. Қодирова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. - № 2. – С. 136-145.

11. Қодирова Г.Т. Заминаҳои ҷудошавии низоми ягонаи баҳисобгирии муҳосибӣ [Матн] / Г.Т. Қодирова // Паёми молия ва иқтисод. – 2022. - № 3 (32). – С. 151-159.

12. Қодирова Г.Т., Ҷурахонов О.Ҳ. Нақши низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар идоракунии субъектҳои хоҷагидорӣ [Матн] / Г.Т. Қодирова, О.Ҳ. Ҷурахонов // Идоракунии давлатӣ. – 2022. - № 3 (57). – С. 15-26.

13. Кодирова Г.Т. Рыночные подходы к формированию системы бюджетирования хозяйствующих субъектов [Текст] / А.К. Курбонов, Г.Т. Кодирова // Финансовая экономика. – 2022. - № 4. – С. 292-294 54.

14. Қодирова Г.Т. Сиёсати баҳисобгирӣ чун асоси ташаккули низоми баҳисобгирии муҳосибӣ [Матн] / Қ.Х. Хушвахтзода, Г.Т. Қодирова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. - № 4-1. – С. 5-13.

15. Қодирова Г.Т. Зарурати ташкили назорати дохилии субъектҳои хоҷагидорӣ дар шароити муосир [Матн] / Г.Т. Қодирова // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – 2023. - № 1-3 (113). – С. 288-292.

16. Кодирова Г.Т. Вопросы развития практики бухгалтерского учета в Республике Таджикистан [Текст] / Г.Т. Кодирова // Государственное управление. – 2023. - № 3 (52). – С. 27-33.

17. Қодирова Г.Т. Мутобиқ намудани низоми миллии баҳисобгирӣ ба талаботҳои СБҲМ [Матн] / А.К. Қурбонов, Г.Т. Қодирова // Идоракунии давлатӣ. – 2023. - № 4/1. – С. 15-24.

**В. Интишорот дар дигар нашрияҳо:**

18. Кодирова Г.Т. Определение выручки, ее оценка и признание в условиях МСФО [Текст] / Г.Т. Кодирова / Проблемы государственной поддержки и развития инновационного предпринимательства в Республике Таджикистан / Материалы республиканской научно-практической конференции (г. Душанбе, 4 июня 2016 года). – Душанбе: ИПС, 2016. – С. 214-219.

19. Қодирова Г.Т. Мушкилоти ислоҳоти низоми баҳисобгирии муҳосибӣ [Матн] / Г.Т. Қодирова / Ҷаҳонишавии иқтисодиёт: муаммоҳо ва дурнамои рушди баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва омор / Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ (ш. Душанбе, 23-24 ноябри соли 2016). – Душанбе: Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2016. – С. 184-188.

20. Қодирова Г.Т. Заминаҳои ташаккули баҳисобгирии муҳосибӣ дар низомҳои хоҷагидорӣ [Матн] / Г.Т. Қодирова / Рушди баҳисобгирии

муҳосибӣ ва аудит дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт / Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ (ш. Душанбе, 26 марти соли 2022). – Душанбе: ДБССТ, 2022. – С. 33-38.

21. Қодирова Г.Т. Баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ [Матн] / Г.Т. Қодирова / Масъалаҳои мубрами баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва аудит дар шароити муосир / Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ (ш. Душанбе, 28 марти соли 2023). – Душанбе: ДБССТ, 2023. – С. 20-26.

22. Курбонов А.К., Кодирова Г.Т. Влияние интеграционных процессов на реформу системы бухгалтерского учета в Республике Таджикистан [Текст] / А.К. Курбонов, Г.Т. Кодирова / Экономика, бизнес, инновации / Сборник статей XXII Международной научно-практической конференци (Пенза, 15 апреля 2023 года). – Пенза: Издательство: Наука и просвещение, 2023. – С. 74-78.

23. Кодирова, Г.Т. План счетов как средство достижения целей реформы бухгалтерского учета в Республике Таджикистан / Г.Т. Кодирова / Экономика, финансы и управление: актуальные вопросы теории и практики: сборник статей V Международной научно-практической конференции (Пенза, 15 декабря 2023 года). - Пенза: МЦНС «Наука и Просвещение». – 2023. – 144 с. – С. 73-76.

**Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо ворид шудаанд:**

1. **Бексултанов А.А.** – д.и.и., профессори кафедраи молияи байналмилалӣ ва бехатарии иқтисодии Донишгоҳи иқтисодии Қирғизистон ба номи М. Рискулбеков бо чунин эродҳо:

- дар автореферат мебоист равандҳои стандартикунонии баҳисобгирии муҳосибиро дар шароити ҳамгироии иқтисодии мамлакатҳои ИДМ муфассалтар инъикос карда мешуд;

- муаллиф дар амалияи баҳисобгирии муҳосибӣ ва таҳлил коркардҳои гуногуни илмию методиро пешниҳод ва ҷорӣ кардааст, аммо аз рӯйи маълумоти автореферат самараи иқтисодии онҳо муайян карда нашудааст.

2. **Ашуров И.С.** – д.и.и., профессори кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи Славянии Руссия ва Тоҷикистон, бо чунин эродҳо:

- дар автореферат асоснок нагардидааст, ки истифодаи тавсияҳои рисола дар амал барои ташаккули низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои хоҷагидорӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ чӣ натиҷаҳои мусбат ва манфӣ меорад;

- аз натиҷаи таҳқиқот муайян намудан душвор аст, ки ҳамкориҳои судманди кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи гузариш ба СБҲМ дар кадом сатҳ қарор дорад.

3. **Шариф Раҳимзода** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Директори Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, бо чунин эродҳо:

- дар автореферат манфиатҳои субъектҳои хоҷагидорӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ мушаххасан асоснок нагардидааст;

- хуб мебуд агар муаллиф муаммоҳоиислоҳоти низоми баҳисобгирии муҳосибиро мушаххасан пешниҳод менамуд.

4. **Хайрзода Ш.Қ.** – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, ректори Донишгоҳи давлатии Данғара, бо чунин эродҳо:

- аз натиҷаи таҳқиқот муайян намудан душвор аст, ки ҳиссаи корхонаҳои ватании ба талаботҳои СБҲМ пурра фаъолияткунанда аз миқдори умумии корхонаҳои амалкунанда дар кадом сатҳ қарор дорад;

- гарчанде дар доираи ҷорӣ намудани СБҲМ сертификатсияи ҳатмии муҳосибони дар амалия фаъолияткунанда ва додани шаҳодатномаи муҳосиби касбӣ пешбинӣ шудааст, ин ислоҳот чи гуна амалӣ карда мешавад.

Интихоби муқарризони расмӣ бо мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва меъёрҳои баҳодиҳӣ ба аҳаммияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо розигии шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст.

Интихоби муассисаи пешбар бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон оид ба самти илми дахлдор дастовардҳои назаррас дорад ва қодир аст, мутобиқати муҳтавои диссертатсияро ба ихтисос ва соҳаи илм муайян намояд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- ***коркард карда шудаст:*** асосҳои назариявии ташаккули низоми баҳисобгирии муҳосибӣ мувофиқи СБҲМ дар заминаи таҳқиқи ҷанбаҳои таърихӣ таҳқиқ ва равишҳои назариявии ташаккули баҳисобгирӣ дар низомҳои хоҷагидорӣ коркард карда шудаст. Ммасъалаҳои методологии низоми баҳисобгирии муҳосибии Ҷумҳурии Тоҷикистон, сиёсати баҳисобгирӣ дар шароити татбиқи СБҲМ ва рушди методологияи ташаккули ҳисоботи молиявӣ дар шароити СБҲМ коркард карда шудааст;

Бо мақсади такмили устувори баҳисобгирӣ ва ҳисоботи молиявӣ хусусиятҳои ташкил ва пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ, вазъи стандартонии баҳисобгирии

муҳосибӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодии мамлакатҳои ИДМ ***пешниҳод карда шудааст***;

- ***исбот шудааст***, ки айни замон ҳолати муосири ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодии мамлакатҳои ИДМ тибқи талаботи СБҲМ ба роҳ монда намешавад ва баҳри мукаммалгардонии баҳисобгирии муҳосибӣ ва пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ методологияи фарогирандаи ҳаммаи паҳлуҳои низоми баҳисобгирӣ ва тавсияҳои методӣ коркард карда шудааст;

- ***асоснок карда шудааст***, ки барои рушди низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити СБҲМ такмили низоми танзими меъёрии баҳисобгирии муҳосибӣ ва нақшаи ҳисобҳо, низоми омодасозӣ ва сертификатсияи муҳосибони касбӣ мукаммалгардонида шавад.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот бо инҳо асоснок карда шудааст:**

- ***исбот карда шудааст***, ки дар илми иқтисодиёти ватанӣ то кунун атрофи масъалаи ҷанбаҳои таърихӣ ва равишҳои назариявии ташаккули баҳисобгирӣ дар шароити равандҳои ҳамгироӣ ва татбиқи СБҲМ аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ таҳқиқоти мукаммал анҷом дода нашудааст. Дар диссертатсияи мазкур барои бунёд намудани асосҳои назариявӣ ва методии баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит коркардҳои муаллифӣ таҳия карда шудаанд;

- ***усулҳои муосири*** илмии мантиқӣ, таҳлилӣ, иқтисодӣ-оморӣ, иқтисодӣ-риёзӣ, графикӣ, коршиносӣ, муқоиса ва дигарҳо, ҷамъбасти иттилоот баҳри ҳалли вазифаҳои дар диссертатсия гузошташуда истифода шудаанд;

- ***баён шудани*** ислоҳоти низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ вобаста ба гузариши субъектҳои хоҷагидорӣ бо истифодаи СБҲМ, раванди ислоҳоти низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ таҳлил ва арзёбӣ карда шуда, дар ин замина тадбирҳои асосӣ барои гузариш ба СБҲМ ва ноил гардидан ба ҳадафҳои ислоҳот муайян карда шудаанд. Омилҳои асосии боздорандаи ноилгардии ҳадафҳои ислоҳот ошкор, гурӯҳбандӣ ва арзёбӣ карда шуда, барои бартараф кардани онҳо пешниҳодҳо таҳия шудаанд;

- ***ошкор карда шудааст,*** ки дар шароити ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ вазифаи авалиндараҷаи субъектҳои хоҷагидорӣ барои дуруст ба роҳ мондани низоми самараноки баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартиб додани ҳисоботи молиявӣ таҳия ва роҳандозии сиёсати баҳисобгирии мутобиқ ба стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ мебошад;

- ***аз нав такмил дода шудааст:*** амсилаи низоми ҳамгироии баҳисобгирии муҳосибӣ таҳия карда шудааст, ки дар доираи он баҳисобгирии молиявӣ, баҳисобгирии идоракунӣ ва баҳисобгирии андоз вазифаҳои худро ба ҷо оварда, маълумоти ҳамдигарро дар доираи низоми ҳамгироишуда истифода мебаранд.

- ***омӯхта шудааст:*** асосҳои назариявӣ ва амалии рушди ташкили баҳисобгирӣ ва ҳисоботи молиявӣ дар шароити татбиқи СБҲМ вобаста аз заминаи танзими меъёрию ҳуқуқии баҳисобгирӣ ва пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ, нақшаи ҳисобҳои муҳосибӣ ҳамчун воситаи амалии ислоҳоти баҳисобгирии муҳосибӣ ва низоми омодасозӣ ва сертификатсияи муҳосибони касбӣ омӯхта шудааст.

- ***аз нав такмил додани*** ташкил ва методикаи пешбурди раванди баҳисобгирӣ, интихоби дурусти шаклҳои баҳисобгирӣ, коркарди нақшаи ҳисобҳо, тарзу усулҳои баҳисобгирии объектҳои хоҷагидорӣ, баҳодиҳии воситаҳои хоҷагӣ, раванди ҳуҷҷатгузории амалиётҳои хоҷагӣ ва ҷамъбасти иттилооти муҳосибӣ, инчунин тавсияҳо оид ба амсилаи низоми ҳамгироии баҳисобгирии муҳосибӣ (баҳисобгирии молиявӣ, баҳисобгирии идоракунӣ ва баҳисобгирии андозӣ) ва мукаммалгардонии донишҳои иқтисодию ҳуқуқии кормандони соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити равандҳои ҳамгироӣ ва татбиқи СБҲМ иҷро шудааст.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад:**

- ***коркард ва ҷорӣ карда шуд:*** натиҷаҳои асосии таҳқиқотии диссертатсия дар фаъолияти ҶСП «Комбинати металургии тоҷик» (маълумотномаи №16/8 аз 6.04.2023с.) ва ҶДММ «Моор Стивенс» (маълумотномаи №34 аз 12.04.2023с.), ҳамзамон дар ҷараёни таълим дар Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон (Санад аз 10.02.2023с.) истифода шудаанд;

- ***муайян карда шуд*:** дар амалия татбиқ намудани тавсия ва пешниҳодҳои таҳиягардидаи мукамалгардонии низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодӣ ва татбиқи СБҲМ имконият фароҳам меорад, ки раванди пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартиб додани ҳисоботи молиявии субъектҳои хоҷагидорӣ беҳгардонидашуда, иттилооти саҳеҳ ва эътимоднок ба доираи васеъи истифодабарандагони дохилӣ ва берунӣ барои қабули қарорҳои идоракунӣ пешниҳод карда шавад;

- ***таҳия карда шуд:*** намунаи сиёсати баҳисобгирии муҳосибӣ ҳамчун ҳуҷҷати дохилии танзим ва ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ,

методологияи ташаккули ҳисоботи молиявӣ дар шароити СБҲМ, рушди методикаи амалии баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити стандартҳои байналмилалӣ, нақшаи ҳисобҳои кории баҳисобгирӣ, амсилаи низоми ҳамгирошудаи баҳисобгирии муҳосибӣ (баҳисобгирии молиявӣ, баҳисобгирии идоракунӣ ва баҳисобгирии андозӣ) таҳия карда шудааст;

- **муаррифӣ карда шуд:** самтҳои асосииислоҳот ва рушди низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити татбиқи СБҲМ бо роҳи таъмини масъалаҳои ҳуқуқӣ, иттилоотӣ, коркарди ҳуҷҷатҳои танзимкунандаи меъёрию ҳуқуқӣ, коркарди сиёсати баҳисобгирӣ ва амсилаи шабеҳи низоми баҳисобгирии муҳосибии субъекти хоҷагидорӣ, баланд бардоштани сатҳи бозомузӣ ва сертификатсияи муҳосибони касбӣ пешниҳод карда шудаст.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон дод, ки:**

- ***назарияи таҳқиқ*** дар заминаи муқаррароти назариявию консептуалии таҳиянамудаи олимони соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ оид ба инкишоф ва ислоҳоти низоми мазкур дар шароити истифодабарии стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ, низоми бозомӯзӣ ва сертификатсияи муҳосибони касбӣ, пешбурди баҳисобгирӣ дар корхонаҳои шакли ташкилӣ-ҳуқуқияшон гуногун, ҳамаи соҳаҳо ва сатҳҳо ва ғайраҳо бунёд шудааст;

- ***ғояи*** таҳқиқот дар асоси таҳлили амалияи ислоҳоти низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва татбиқи СБҲМ, барномаҳои давлатии соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ, дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маводҳои конференсияҳои гуногун, маводи таҳлилӣ ва тадқиқотӣ, маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумот аз шуъбаҳои муҳосиботи корхонаҳои тиҷоратӣ ва захираҳои иттилоотии шабакаи «Internet» ***асоснок шудааст;***

- ***аслият ва навгониҳои*** натиҷаҳои таҳқиқот оид ба такмил ва рушди низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити равандҳои ҳамгироӣ ва татбиқи СБҲМ бо далелҳои мушаххас аз фаъолияти корхонаҳои шакли фаъолияташон гуногун ва тавсияҳои методии коркардшуда тасдиқ шудаанд;

- ***усулҳои муосири*** ҷамъоварӣ ва коркарди маълумот зимни тартибдиҳии ҷадвалҳо, таҳияи равишҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, ҳисоботи молиявӣ ва коркарди тавсияҳо ҷиҳати рушди низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити СБҲМ истифода шудааст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ:**

- муаллиф дар заминаи таҳлили низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ дар субъектҳои хоҷагидорӣ, омӯзиши ҳисоботҳои молиявии субъектҳои дорои манфиати умум барои беҳгардонии раванди пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартиб додани ҳисоботи молиявии саҳеҳ дар шароити равандҳои ҳамгирой ва татбиқи СБҲМ ба таври назариявӣ ва амалӣ асоснок намудааст;

- методологияи ташаккули ҳисоботи молиявӣ дар шароити корбурди стандартҳои байналмилалӣ, муайян кардани тамоюлоти рушди амалияи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявии дар асоси СБҲМ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, амсилаи низоми ҳамгироии баҳисобгирии муҳосибӣ, (баҳисобгирии молиявӣ, баҳисобгирии идоракунӣ ва баҳисобгирии андозӣ) таҳия карда шудааст;

- самтҳои танзими меъёрии баҳисобгирии муҳосибӣ ва рушди низоми омодасозӣ ва сертификатсияи муҳосибони касбӣ коркард ва пешниҳод карда шудааст;

- аз рӯйи мавзӯи таҳқиқот 28 кори илмӣ аз ҷумла 1 монография, 16 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҳаҷми умумии 17,2 ҷузъи чопӣ (аз ҷумла 14,8 ҷузъи чопӣ аз муаллиф) нашр намудааст;

- ба тасвиб расонидани натиҷаҳои тадқиқоти илмӣ дар конференсияҳои илмӣ-назариявӣ, ҷумҳуриявӣ ва семинарҳои илмӣ.

Дар маҷлис аз 6-уми майи соли 2024 шурои диссертатсионӣ барои сазовор донистани Қодирова Гулмо Толибовна ба дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит қарор қабул намуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 14 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла 5 нафар оид ба тахассуси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 15 нафар ҳайати умумии шурои диссертатсионӣ овоз доданд: тарафдор – 14 нафар, муқобил - нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**д.и.и., профессор** **Хушвахтзода Қ.Х.**

**И.в. котиби илмии шурои**
**диссертатсионӣ, д.и.и., профессор** **Қодирзода Д.Б.**

***06 майи соли 2024***